## Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи “Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.**

Робитаҳои адабии Эрону Хуросону Мовароуннаҳр бо шибҳи ҷазираи Ҳиндустон пас аз интишори дини мубини ислом боз ҳам ривоҷ ёфтааст, ки муҳимтарин роҳи густариши ин пайванди адабӣ тарҷумаи осори бадеӣ, матнҳои динӣ, ирфонӣ, фалсафӣ, таърихӣ, ҷуғрофиёӣ, сафарномаҳо, пизишкӣ, риёзӣ, ахтаршиносӣ, мазҳабӣ ва ғ. аз забони ҳиндӣ ба форсии тоҷикӣ мебошад. Дар баробари ин, аз забонҳои дигар ҳам дар асрҳои миёна ба форсӣ осори муҳимми илмию адабӣ баргардон шудаанд, ки нақшу саҳми чунин осори тарҷумашуда дар тавсиаи робитаҳои адабии ин кишварҳо хеле назаррас ва қобили таҳқиқу пажӯҳиши алоҳида мебошад. Дар миёни осори тарҷумашуда ба форсии тоҷикӣ асари ҳамосӣ – ишқии бостонии Ҳинд “Рамаяна” мебошад, ки ҳовии достони ишқи Ром ва Сито буда, шуҳрат ва эътибори ин қисса ба далели пайванди воқеаҳои тасвирёфта дар он бо асотир, бо сохтору бофти динию мазҳабии ҳиндуҳо мебошад.

Рисолаи Манонзода А. М. тавре ки аз мутолиаи он бармеояд, аз муқаддима, се боб ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 180 саҳифаи чопи компютерӣ танзим шудааст.

Ҳадафи асосии кори диссертатсионӣ таҳқиқу пажӯҳиши масъалаҳои равобити адабии халқҳои эронӣ ва ҳиндӣ дар замонҳои бостон, хоса дар замони Сосониён (221 – 651), асрҳои миёна, тарҷумаи осори санскрит ва ҳиндӣ ба забони форсии тоҷикӣ, тарҷумаҳои форсии ҳамосаи бостонии Ҳинд – “Рамаяна”, бавижа маснавии “Ром ва Сито”-и Масеҳои Понипатӣ ва муҳасанноти бадеии он мебошад.

Дар диссертатсия бори аввал равобити адабию ҳунарӣ ва умумиятҳои фикрӣ ва маънавии халқҳои эронӣ ва ҳиндӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта,

робитаҳои адабӣ дар ин самт тариқи тарҷумаи осори ҳиндӣ ва санскрит ба форсии тоҷикӣ, таҳлилу баррасӣ ва ҷойгоҳи тарҷумаҳои форсии “Рамаяна” дар ин замина муайяну мушаххас гардида, ҳунари шоирии Масеҳои Понипатиро бар асоси маснавии “Ром ва Сито” ошкор ва вижагиҳои бадеӣ, шеърӣ ва забону баёни онро мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Дар муқаддима муаллифи диссертатсия дар бораи муҳимияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, усули таҳқиқ ва сарчашмаҳои пажӯҳиш, навоварии он, аҳаммияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои кор инъикос гардидаанд.

**Боби аввали диссертатсия - «Аз таърихи равобити адабӣ ва фарҳангии мардумони эронӣ ва ҳинд»** унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб, ки **«Равобити адабӣ ва фарҳангии мардумони эронӣ бо Ҳиндустон дар даврони бостон»** номгузорӣ гардида, дар натиҷаи таҳлилу баррасии ин масъала маълум мешавад, ки равобит бино бар далелҳои таърихию бостоншиносӣ ба даврони қабл аз Модҳо ва Сумерҳо бармегардад. Бостоншиносон аз муқоисаи олоти қайроқсанги аз Осиёи Миёна бадастомада ба натиҷае расиданд, ки он “бо маданияти ба истилоҳ Суоии давраи палеолити Ҳиндустон хеле шабоҳат дорад” Чунин қаробат ва умумияти сохторӣ ва муҳтавоӣ аз ашёи пайдошуда аз мавзеи Қаробураи водии Вахш (наздикии Ҷилликӯл), ки ба давраи палеолити миёна тааллуқ дорад, аз тарафи бостоншиносон муайян ва мушаххас карда шудааст, ки бо тамаддуни Суои Ҳиндустон мушобиҳати комил доранд.

Муаллифи диссертатсия дар ин замина афзудааст, ки ҳамин гуна монандиҳо ва «нишонаҳои равобити фарҳангии мардумони Осиёи Миёна» - ро бо халқҳои Ҳинди бостон дар бозёфтҳои бостоншиносии ноҳияҳои ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки дар он замон сокинонаш иборат аз қавмҳои эронии шарқӣ буданд, метавон ба хубӣ дарёфт.

**«Равобити адабии Ҳинду Эрон дар замони Сосониён (224-651)»** унвони фасли дуюми диссертатсия буда, аз ду зерфасл иборат буда, дар зерфасли аввали он омадааст, ки равобити адабии ду сарзамини ҳамсоя ва ҳамнажод дар даврони Сосониён (224-651) бар пояи се асли иртиботии ин миллатҳо, яъне робитаи ҳунарӣ, мазҳабӣ ва илмию маърифатӣ боз ҳам шукуфотар ва пурмуҳтаво гардида, натиҷаҳои назаррасе ба армуғон гузоштааст, ки ҳосили он то замони мо расидааст.

Манонзода А. М. ба он назар аст, ки аз нахустин санадҳое, ки равобити фарҳангӣ ва адабии ин мардумонро ба мо мерасонад, минтақаҳои шимоли Ҳинд, Панҷоб ва Кашмири таҳти тасарруфи шоҳони Сосонӣ буд, агарчи Кидори аввал аз хироҷ додан ба Сосониён саркашӣ ва исён карда буд, баъдан мутеъи Шопури аввал (241-271) гардида, дар ҷанги Руму Эрон ба эрониён ёрӣ расонида, душманро мағлуб сохт. Далели равобити ин давра ба ҳукумати подшоҳи панҷуми Сосонӣ Баҳроми Гӯр (420-438м) рост меояд.

Зерфасли дуюми боби аввал **“Муколамаи адабӣ ва фарҳангии Эрону Ҳинд дар давраи Сосониён”** номгузорӣ шудааст. Муаллифи диссертатсия дар ин бахш достони овардани шатранҷро ва дарҷ гардидани ин достон дар “Шоҳнома” ба таври муфассал рӯйи авроқ овардааст.

Фасли дуюми ин боб **«Нигоҳе ба сайри таърихии “Калила ва Димна” дар адаби форсии тоҷикӣ»** мебошад. Дар ин бахш муаллифи диссертатсия ба чунин натиҷа расидааст, ки аз тарҷумаи паҳлавии он ҳеҷ нусхае то замони мо нарасидааст, вале аз вуҷуди он ба забони паҳлавӣ дар замони Хусрави Анӯшервони Сосонӣ (531-579 м) аз тарафи Барзуяи пизишки номвари ин шоҳаншоҳ ба ривояти баъзе манобеъ дар ҳудуди соли 550 милодӣ аз санскрит ба паҳлавӣ тарҷума шудааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Ҳамосаи бостонии ҳинд “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он”** аз ду фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввали он- доир ба **“Ривоҷи наҳзати тарҷума дар даврони пас аз нашри**

**дини ислом дар шибҳи қорраи Ҳинду Покистон”** дар мавриди густариши тарҷумаи осори ҳиндӣ ба забони форсии тоҷикӣ сухан меравад.

Муаллиф бар он назар аст, ки густариши забону фарҳанги форсии тоҷикӣ ба лашкаркашиҳои Ғазнавиён (930-1186) бастагӣ дорад.

Абурайҳони Берунӣ аз дурахшонтарин чеҳраҳои илмии ин замон аз 113 унвон китобе, ки ба ӯ нисбат дода мешавад, 15 унвони онро ба масъалаҳои марбут ба Ҳинд бахшидааст.

Фасли дуюми боби дуюм - **“Достони «Рамаяна» - қадимтарин асари ишқии Ҳинд”** унвон дошта, доир ба қадимтарин достони ҳамосии манзуми ҷаҳон будани достони мазкур ва бинобар мурури замон дигаргуниҳо ворид шудан дар матни он, инчунин, ба дигар забонҳо баргардон шудани он ба таври муфассал ва илмӣ сухан ба миён овардааст.

Зерфасли аввали фасли дуюми ин боб, ки аз мабоҳиси меҳварии диссертатсия маҳсуб меёбад, ба **«Тарҷумаҳои форсии «Рамаяна»** бахшида шудааст.

Зерфасли дуюми фасли дуюми боби дуюм **“Шайх Саъдуллоҳ Масеҳои Понипатӣ ва маснавии “Ром ва Сито”- и ӯ”** унвон гирифта, зерфасли сеюми ин боб ба **“Сохт ва таркиби маснавии «Рамаяна»-и Масеҳои Понипатӣ”** оид мебошад.

Муаллиф баъд аз мутолиа ба чунин хулоса омадааст, ки сохтори асар ба маснавиҳои адабиҳои форсии тоҷикӣ чун «Хусраву Ширин» ва «Юсуфу Зулайхо» -ҳо монандӣ дошта бошад ҳам, бо сужети хосу асили хеш нотакрор аст.

**Боби сеюм «Арзишҳои бадеии достони “Рамаяна”-и Масеҳои Понипатӣ»** унвон дошта, аз чор фасл иборат мебошад.

Фасли аввал **“Вазн ва баъзе истисноҳои арӯзӣ дар достони “Ромоян”** ном гирифтааст ва ба вижагиҳои вазнии ин достон оид мебошад.

Вазни арӯз аз унсурҳои муҳимму созандаи шеър ба ҳисоб меравад. Шеър маҳз тавассути санҷаву меъёрҳои вазни арӯз эҷод мегардад. Таваҷҷуҳ

ба арӯз ва авзони он то дараҷаест, ки тамоми шеъри классикии мо ба вазни мазкур таълиф ёфтааст.

Манонзода А. М. дар ин бахш доир ба вазн ва истисноҳои арӯзӣ дар достон мавриди назар сухан ронда, таъкид бар он намудааст, ки вазни арӯз дар шеъри мо ҷойгоҳи хос дорад. Ҳамчунин дар натиҷаи мутолиаи арӯзии ин достон ба чунин натиҷа расидааст, ки достони мавриди назар дар пайравии достони "Хусраву Ширин"-и Низомии Ганҷавӣ ва "Ширину Хусрав"-и Хусрави Деҳлавӣ эҷод шудааст.

Манонзода А. М. бар он мебошад, ки Масеҳои Понипатӣ дар достони "Ром ва Сито"-и хеш аз истисноҳои маъмулӣ арӯзи тоҷикӣ кор гирифта, равонӣ, ҷозибият, мавзуният ва мусиқавияту маъонии каломашро таъмин намудааст ва дар ин бахш аз ҳафт навъи истисноҳои арӯзӣ дар достони мавриди назар истифода гардидаро оварда, ба муаллифи он баҳои муносиб додааст.

Зерфасли аввали фасли аввали боби сеюм **"Қофия ва анвои он дар достони "Ром ва Сито"** унвон дошта, аз қофия, ки аз унсурҳои зотии каломи манзум маҳсуб меёбад арзёбӣ шуда ва аз нақши калидӣ доштани он чун вазн дар ташаккули шеър баён гардидааст.

Муаллифи диссертатсия дар бахши мазкур ба чунин натиҷа расидааст, ки Масеҳои Понипатӣ чун шоири боистеъдоду аз нозукиҳои эҷод бохабар анвои мухталиф ва солиму дилнишини қофияро дар достони худ мавриди истифода қарор дода, маҳорати қофияорияшро ба ин тавассут ба намоиш гузошта ва зиёда аз 12 навъи қофияи пурбаҳоро дар достони мавриди назари ба кор бурдааст. Аз ин шумора 5 навъ қофияи пурбаҳои муқайяд ва боқимонда қофияи пурбаҳои мутлақ мебошад. Дар маҷмуъ, Масеҳои Понипатӣ қофияро чун унсури шеърсози классикӣ ҳунармандона истифода карда, чеҳраи суханофари худро ба хонанда рӯшан намудааст.

Зерфасли дуюми фасли аввали боби сеюм ба масъалаи **"Радиф ва ҷойгоҳи он дар достони "Ром ва Сито"** бахшида шудааст.

Аз вижагиҳои ҷудогонаи шеъри тоҷикӣ корбурди радиф дар он маҳсуб меёбад. Радиф мусиқӣ, оҳангнокӣ ва вазифаи бадеии қофияро дар шеър тақвият медиҳад ва онро аз ҳар ҷиҳат зебу оро мебахшад.

Муаллифи диссертатсия бар он назар аст, ки такрори калимаҳои ҳамшакл ва ҳамвазн дар интиҳои мисраъ ва ё байт барои хотирмон гардидани каломи манзум кӯмак мерасонад ва шеърро аз нигоҳи оҳангнокӣ ҳусну зебоӣ мебахшад. Ин ҷиҳат, бештар ҳангоми муқоисаи ашъори мураддаф ва ғайримураддаф аён мегардад, ки аксари шуарои форсу тоҷик ва ҳатто шоирони арабу турк ин хусусияти шеъри форсии тоҷикиро пазируфтаанд.

Муҳимтарин хусусияти радифофаринии шоир дар он зоҳир мегардад, ки ӯ забони тоҷикиро хуб медонад, нозукиҳои онро дарк мекунад ва зубдатарин воҳидҳои луғавию дастуриашро дар ҷойи мувофиқ барои ҳадафмандонаву бадеъ баён шудани андешааш истифода кардааст. Ба ҳадде ки мураддафоти эҷодкардаи ӯро аз таркиби андешаҳояш ҷудо кардан мумкин нест. Ба ифодаи дигар, абёти радифдори достонро ғайримураддаф кардан аз имкон берун аст, зеро онҳо дар баробари вазифаи шаклии худ вазифаи маънисозиро касб кардаанд, ки ин аз ҳунари суханофаринии шоир дарак медиҳад.

Манонзода А. М. аз баррасии масъалаҳои вазн, қофия ва радиф ба чунин натиҷа расидааст, ки дар достони “Ром ва Сито” вазн, қофия ва радиф ба ваҷҳи аҳсан истифода шудааст. Азбаски мавзуи достон ишқ аст, мувофиқи он шоир вазни хушояндеро дар суруданаш ба кор андохтааст, ки ҳазаҷи мусаддаси маҳзуфу мақсур мебошад. Барои мавзунияту нигаҳдошти ягонагии вазн шоир аз ихтиёроти маъмули суханофаринии классикӣ ва истисноҳои роиҷи арузи тоҷикӣ кор гирифтааст, ки зиёда 9 навъи он дар достони мавриди назар ба кор рафтааст.

Дар достони “Ром ва Сито” Масеҳои Понипатӣ зиёда аз 12 навъи қофияи пурбаҳоро ба кор бурдааст, ки аз онҳо 5 навъ қофияи муқайяд ва 7 навъи дигараш қофияи мутлақ мебошанд.

Фасли дуюми боби сеюми диссертатсия аз ду зерфасл иборат буда, нахустини он **“Санъатҳои маънавӣ дар достон”** ва дувумӣ **“Санъатҳои лафзӣ дар достон”** унвон дорад.

Дар ин бахш муаллифи диссертатсия дар вачҳи писандида ҳунари бо перояҳои адабӣ оро ёфтани достони мавриди назарро ба намоиш гузоштааст, ки аз дастовардҳои муҳими Манонзода А. М. маҳсуб меёбад.

Корбурди санъатҳои маънавӣ ва лафзии бадеӣ дар достони “Ром ва Сито” Масеҳои Понипатиро чун суханвари огоҳу тавоно ва соҳибистеъдод нишон медиҳад. Зеро вай дар баробари кашфи мавзуи ҷолиб, вазни хушоянд, қофия ва радифи солим, сабки содаю равон, ғояи олии гуманистӣ, тарғиби афкори зиндагисоз ва садҳои нафосату назофати адабӣ, санъатҳои бадеиро ба вачҳи аҳсан ва ҳунармандона истифода карда, бадеияти каломи ҳунарии худро таъмин намудааст. Ҳамаи ин, достонро хонданӣ, мондагор ва хотирмон карда, муаллифро чун адиби забардаст, моҳир ва тавоно дар достонсарой муаррифӣ намудааст.

Барои ба вуҷуд овардани каломи ҳунарӣ адиб, санъатҳои гуногуни бадеӣ, мисли ташбеҳ, истиора, талмеҳ, тавсиф, муроотунназир, саволу ҷавоб, нидо, киноя, муболиға, ирсоли масалро ба кор бурда, афкорашро муассиру пурмазмун, рангину дилнишин ва хотирмон кардааст.

Дар тақвияти санъатҳои маънавӣ ва ба вуҷуд овардани лафзи шинаму фораму хуш шоир санъатҳои лафзиро ҳунармандона истифода намудааст. Ин навъи ороёҳои адабӣ низ дар достони шоир зиёд ба кор рафтаанд, вале сермаҳсултарини онҳо таҷнис, тарсеъ, такрор, иштиқоқ ва зуқофиятайн мебошанд. Муҳимтарин вижагии ба кор андохтани санъатҳои лафзӣ, ғайритакаллуфӣ воқеъ шудани онҳост. Ба ин маънӣ, дар достони шоир санъатҳои лафзӣ на танҳо ба ороиши лафз, балки дар эҷоди мазомини ҷолиб ҳам иштирок намудаанд.

Азбаски дар достони “Ром ва Сито” таваҷҷуҳ ба санъатҳои маънавӣ зиёдтар равона шудааст ва аз нигоҳи басомад ҳам онҳо нисбат ба санъатҳои

лафзӣ вофиртар ба кор рафтаанд, ҳамаи инҳо маънигаро будани шоирро мушаххас месозанд.

Дар маҷмуъ, достони “Ром ва Сито”-и Масеҳои Понипатӣ бо лафзи хуб ва маънии дилнишину бадеъ аз намунаҳои хуби каломи ҳунарӣ дар қаламрави адабиёти классикӣ арзёбӣ мешавад.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври ҷомеъ натиҷаҳои таҳқиқи Манонзода А. М. баён гардидаанд. Феҳристи адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Манонзода А. М. Дар ҷараёни пажӯҳиш маводи хеле зиёд ва арзишманде гирд овардааст ва барои эътимод бахшидан ба андешаҳои хеш ба осори таълифшудаи асримиёнагӣ ва асарҳои тадқиқотии адабиётшиносии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён намуда, гоҳо ба андешаҳои онҳо ба назари интиқод нигаристааст.

Нуктаи муҳим ин ки ҷанбаи илмии рисола қавӣ буда, муаллиф барои таълифи пажӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ истифода бурдааст. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои китобатӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки моҳияти диссертатсияро халалдор намесозанд.

Рисола бо забони хеле хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он заҳмати зиёде кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзуъ кори илмии судманде ба анҷом расонад.

Унвонҷӯ ба хотири аниқу амиқ дарк гардидани муҳтавои ин ё он масъалаи дар пеш гирифта, доир ба ҳар фасл муқаддима ва дар охир бо хулосаи хеле муъҷази илмӣ ҷамъбаст намудааст.

Дар рисолаи мавриди тақриз дар радифи комёбиҳои фаровон баъзе нуктаҳои баҳсталаб мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки ба пиндори банда ба назар гирифтани он боиси болоравии ҳусни рисола хоҳад гардид.

1. Муаллифи рисола дар яке аз бахшҳои кор (ниг. 1.1.2, саҳ.28), ки зери унвони “Равобити адабии Ҳинду Эрон дар замони Сосониён” омадааст, бо чанд

байт аз “Шоҳнома” бахши мазкурро ба итмом расонидааст. Фикр мекунам, ки дар кори илмӣ бо байт тамом шудани бахш хушоянд набуда, мебоист, ки натиҷагирӣ шавад.

2. Дар саҳифаи 36 чунин оварда шудааст: “Ҳоло шод адабиёте дар дунё вуҷуд надошта бошад, ки аз таъсири ин асар берун монда бошад”. Манзури муаллифи рисола «Панчатантра» мебошад. Лек дар ин ҷумла ҳам хатои имлоӣ дар мавриди калимаи “шояд” ба назар расид ва ҳам калимаҳои чун “шояд”, “бояд” ва амсоли инҳо дар таҳқиқ хуб ба назар намерасанд. Дақиқ сухан рондан лозим меояд.

3. Хуб мешуд достони “Рамаяна” бо нусхаи аслӣ санскрит ва ё ҳиндӣ дар муқоиса баррасӣ мешуд, ки ин гуна муқоиса боиси болоравии кор мегашт.

4. Дар диссертатсия ҳангоми баррасии санъатҳои бадеӣ дар қисмати санъати таҷнис аз ҳафт навъе, ки муаллифони сарчашмаҳои назарӣ баён кардаанд, ковиш сурат мегирифт.

5. Рисолаи мазкур босаводона таълиф гардидааст. Вале бо вуҷуди ин дар он ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ (ниг. саҳ. 11, 20, 21, 24, 28, 31, 32, 37, 45, 48, 53, 57, 83) ба назар мерасанд.

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба сифати рисола таъсир намерасонанд. Мазмун ва муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 7 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Рисолаи Манонзода А. М. Дар мавзуи “Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он” тадқиқоти пурраи анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи КОА- ии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он бечунучаро, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илми филология, муаллими калони

кафедраи таърихи адабиёти тоҷики
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Собиров Ҳ.Ю.
«4» сентябри соли 2023.
Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Нахимов бинои 64/7А, ҳуҷраи 210
Тел.: (+992) 988-52-70-83
E-mail: hamza-0283@mail.ru

Имзои Собиров Ҳамза Юсуфовичро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«4» сентябри соли 2023.